**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
доктори илмҳои таърих, профессор,
_______________Ибодуллозода А.И.
“28” ________04________ 2026

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.5. – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ

**1. Мутобиқати мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба ихтисоси илмӣ**

Диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин ба ихтисоси илмии 5.5.5 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ мутобиқат менамояд.

Дар он масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат, аз ҷумла мақоми ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ, механизмҳои танзими давлатӣ ва локалӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки пурра ба доираи ин ихтисос дохил мешаванд.

Мавзуи таҳқиқот ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020 № 503 тасдиқ шудааст мувофиқ ва ба банди нӯҳуми он «Масъалаҳои марбут ба ҳуқуқшиносӣ» мансуб мебошад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо маҷмуи омилҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва амалӣ, ки ба тағйирёбии низоми муносибатҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир алоқамананд, муайян мегардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ барои таъмини шароити зиндагии арзанда ва рушди озодонаи шахсият равона гардидааст. Дар ин замина, танзими самараноки ҳуқуқии идоракунии меҳнат яке аз воситаҳои муҳими татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат ва таъмини мувозинати манфиатҳои кормандон, корфармоён ва давлат мебошад.

Дар марҳилаи муосир рушди иқтисоди миллӣ бо дигаргуниҳои сохторӣ, аз ҷумла рақамикунонӣ, автоматизатсия ва ҷорӣ намудани технологияҳои зеҳни сунъӣ ҳамроҳ аст, ки боиси тағйир ёфтани мазмуну

муҳтавои меҳнат, шаклҳои шуғл ва механизмҳои идоракунии захираҳои меҳнатӣ мегардад. Ин равандҳо ташаккули усулҳои нави ҳуқуқиро дар танзими идоракунии меҳнат талаб мекунанд.

Аҳаммияти махсуси мавзуъ бо зарурати татбиқи вазифаҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аст, аз ҷумла: густариши шуғли пурмаҳсул; баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат; рушди сармояи инсонӣ; паст намудани сатҳи бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ.

Ноил шудан ба ин ҳадафҳо бидуни такмили танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат ғайриимкон мебошад.

Дар шароити иқтисоди рақамӣ аҳаммияти механизмҳои чандири ҳуқуқӣ, ки шаклҳои нави шуғлро (меҳнати фосилавӣ, шуғли платформавӣ ва ғ.) танзим менамоянд, меафзояд, ки ин навсозии қонунгузории амалкунандаро тақозо мекунад.

Ҳамчунин, мубрамии мавзуъ бо он асоснок мегардад, ки дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ масъалаи идоракунии меҳнат ба таври мукаммал таҳқиқ нашудааст.

Илова бар ин, зарурати мутобиқсозии қонунгузории миллӣ ба стандартҳои байналмилалии меҳнат аҳаммияти мавзуъро боз ҳам зиёд менамояд.

Ҳамин тавр, мавзуи интихобшудаи таҳқиқот «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мубрам ба ҳисоб рафта, омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбасти он метавон ҳамчун аввалин таҳқиқоти комплексӣ оид ба ин масъала дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ арзёбӣ гардад.

**3. Дараҷаи асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳо.** Хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии диссертатсия асоснок ва далелнок мебошанд. Муаллиф доираи васеи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, манбаъҳои байналмилалӣ, адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин маводи амалияи ҳуқуқтатбиққуниро истифода намудааст. Методологияи таҳқиқот ба усулҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ ва низомнок такя мекунад.

Хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои кори назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд, ки аз дақиқӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомада шаҳодат медиҳанд.

**4. Навоварии илмии таҳқиқот.** Навоварии илмии таҳқиқот дар таҳияи консепсияи муосири танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Муаллиф таърифи муаллифонаи мафҳуми «идоракунии меҳнат»-ро пешниҳод намудааст, мустақилияти ин институтро дар низоми ҳуқуқи меҳнат асоснок кардааст, хусусияти байнисоҳавӣ ва

бисёрсатҳавии онро муайян кардааст, низоми субъектҳои идоракунии меҳнатро пурра фаро мегирад.

Дар диссертатсия хусусиятҳои танзими ҳуқуқии ба худ хоси институти идоракунии меҳнат муаяйн шудааст, ки қобили таваҷҷуҳ буда, имкон медиҳад, ки он аз дигар институтҳои ҳуқуқи меҳнат фарқ карда шавад. Исбот мегардад, ки идоракунии меҳнат яке аз вазифаҳои муҳимми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат, маҳсуб мешавад, вале он айни замон дар Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим наёфтааст. Бинобар ин пешниҳоди муаллиф оид ба ворид намудани «танзими муносибатҳои ҳуқуқии вобаста ба идоракунии меҳнат» ба вазифаҳои асосии қонунгузории меҳнат қобили дастгирӣ аст. Омузиш ва муайянсозии мундариҷаи принсипи «таъмини ташкил ва идоракунии меҳнат дар ҳама сатҳҳо» ва зарурати ворид намудани он ба номгуи принсипҳои қонунгузорӣ дар Кодекси меҳнати ҶТ асоснок гардидааст.

Низоми идоракунии меҳнат дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва сатҳи локалӣ, субъектҳои ин раванд, ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо мавриди омузиши амиқ қарор гирифта, меъёрҳои мавҷудаи ҷонунгузорӣ ва татбиқи амалии онҳо дар ин самт муқоиса ва тавсиф шудаанд. Дар робита ба ин як қатор пешниҳодҳои асосноки илмӣ ҷиҳати такмили қонунгузории меҳнат таҳия шудаанд.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳаммияти зайл мебошанд: илмӣ – рушди назарияи ҳуқуқи меҳнат; амалӣ – истифода дар фаъолияти қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ; иқтисодӣ – баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ; иҷтимоӣ – таҳкими кафолатҳои ҳуқуқи меҳнатии шаҳрвандон. Дар маҷмуъ, аҳамияти он аз таҳияи консепсияи муосири илмии танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи муайянсозии хусусиятҳои нави танзими ҳуқуқии он иборат буда, дар он сохтори муосири идоракунии ҷамъиятии меҳнат ҳамчун объекти танзими ҳуқуқӣ ошкор гардида, ҳуқуқҳои субъектҳои идоракунии меҳнат, танзими ҳуқуқии ҷамъиятӣ ва хусусӣ-ҳуқуқии идоракунии меҳнат муайян шудаанд.Хулосаҳои назариявие, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, нуктаҳои илми ҳуқуқи меҳнатро пурра ва барои рушди минбаъдаи он мусоидат мекунанд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат ва амалияи татбиқи он, рушди таҳқиқотҳои илмӣ ва имкони истифодаи натиҷаҳои назариявии он дар раванди таълим мебошад. Мазмуни таҳқиқот инчунин барои мақомоти қонунгузорӣ ва иҷроия, шарикони иҷтимоӣ (иттифоқҳои касаба ва

иттиҳодияҳои корфармоён), мутахассисони соҳаи ҳуқуқи меҳнат ва идоракунии кадрҳо, ҳуқуқшиносон аҳаммияти калони амалӣ дорад.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлили қонунгузорӣ, манбаъҳои илмӣ ва маълумоти эмпирикӣ асоснок карда шудаанд. Хулосаҳо мантиқӣ ва пайдарпай мебошанд. Аз ҷумла, омӯзишу таҳлили сарчашмаҳои гуногун имкон додааст, ки хулосаҳои муътамади илмӣ ҳосил гардида, муаллиф барои такмил додани қонунгузории амалкунанда дар соҳаи меҳнат як қатор пешниҳодҳо таҳия намояд, ки ҷузъи муҳимтарини онҳо дар диссертатсия пешниҳод гардидаанд. Дар баробари ин қабули Консепсияи рушди идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат (солҳои 2026 -2036) пешниҳод шудааст, ки натиҷаи таҳлили объективонаи илмии мавзуъ мебошад.

**7. Саҳми шахсии довталаб.** Саҳми шахсии довталаб дар таҳияи мустақилонаи натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо зоҳир мегардад. Аз ҷумла, хулосаҳои назариявӣ ва муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, инчунин тавсияҳои амалӣ аз ҷониби муаллиф шахсан ба даст оварда, асоснок ва таҳия шудаанд, ки инро мақолаҳои илмии муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар нашрияҳо, инчунин маърӯзаҳои муаллиф дар конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ тасдиқ менамоянд.

**8. Интишорот аз рӯйи мавзуъ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 11 мақолаҳои илмии муаллиф, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда шудаанд, ки дар онҳо муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарҷ ёфтаанд. Ҳамчунин, хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқотии диссертатсия дар конференсияҳо ва семинарҳои илмию амалӣ маърӯза гардидаанд, ки онро маърӯзаҳои муаллиф дар маҷмуаи конференсияҳо ва семинарҳо батабъърасида, нишон медиҳад.

**9. Арзёбии мазмун, сохтор ва анҷомёбии диссертатсия.** Сохтори диссертатсия вобаста ба мақсад ва вазифаҳои дар он гузоштошуда муносиб тартиб дода шуда, он аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар боби якум **“Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди ниҳоди идоракунии меҳнат”** мазмуни мафҳум, низом ва сохтори ниҳоди идоракунии меҳнат, фаҳмиши классикӣ ва муосири мафҳуми идоракунии меҳнат дар заминаи сарчашмаҳои илмии мавҷуда, ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии пайдоиши нахустин ниҳодҳои танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ, таҳқиқи хусусиятҳои таҳаввулотии мақомоти

идоракунии меҳнат, шаклҳо, таносуб ва хусусияти муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи идоракунии меҳнат ва хусусиятҳои байнисоҳаии меъёрҳои ҳуқуқии он дар марҳилаи муосир, таҳқиқ шудаанд.

Дар он муаллиф назарҳо ва мавқеъҳоро дар илми ҳуқуқи меҳнат доир ба мафҳум ва низоми идоракунии меҳнат ба таври васеъ таҳлилу баррасӣ намуда, ба хулосае омадааст, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир нуқтаи назари ҳамаҷонибаи идоракунии меҳнат ҳамчун низоми бисёрсатҳа ва бисёрсоҳавӣ, ки ба принсипҳои шарикии иҷтимоӣ асос ёфтааст, бартарӣ дорад. Ба назари муаллиф гарчанде ҳуқуқи корфармо дар идоракунии кормандон ҳамчун асос эътироф карда мешавад, аммо он бояд салоҳияти мутлақ ҳисобида нашавад. Мувозинати он тавассути муқаррарсозии меъёри ҳатмии давлат (қонунгузорӣ); бастани шартномаи коллективӣ; иштироки намояндагони кормандон дар идоракунии меҳнат ва таъмини кафолатҳои ҳуқуқҳои меҳнатии фардӣ зарур мебошанд. Дар он муаллиф кушиш намудааст, ки фарқияти байни мафҳуми «идоракунии меҳнат» бо мафҳуми «ташкили меҳнат» - ро муайян намояд. Назари муаллиф дар бораи он ки идоракунии меҳнат мафҳуми васеътар буда, он ҳам танзими ҳуқуқӣ ва ҳам ҷанбаҳои иҷтимоии онро фаро мегирад, ташкили меҳнат бошад танҳо ҷанбаҳои техникӣ, технологӣ ва иқтисодии (тақсимоти вазифаҳо, муътадилсозии равандҳо, стандартикунонӣ) меҳнатро дар бар мегирад, қобили таваҷҷуҳ аст. Аз натиҷаи таҳқиқи мазмун ва муҳтавоии идоракунии меҳнат мафҳуми онро пешниҳод менамояд, ки ба назари муаллиф мазмуни ҳуқуқии ин мафҳумро пурратар ифода мекунад.

Ҳамчунин дар ин бахши таҳқиқот муайян шудааст, ки дар шароити муосир институти идоракунии меҳнат таҳти таъсири равандҳо ва омилҳои гуногун рушд ёфта истодааст, ки мавзуи танзими минбаъдаи он аз шаклгирии муносибатҳои нави ҳуқуқии ин бахш вобастагӣ дорад. Вобаста ба ин, дар хулоса номгуи проблемаҳое, ки дар таҳқиқи минбаъдаи идоракунии меҳнат афзалият доранд, дарҷ карда шудаанд.

Ҳангоми баррасии масъалаҳои пайдоиши нахустин ниҳодҳои танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ муаллиф бо истифода аз сарчашмаҳои илмӣ – таърихӣ пайдоиш ва рушди ниҳодҳои таърихи идоракунии меҳнатро мавриди омӯзиш қарор дода, марҳилаҳои таҳаввулооти онро мушаххас маълум менамояд. Аз натиҷаи таҳлили мавзуи мазкур ниҳодҳои ибтидоии идоракунии меҳнат муаяйн карда шудаанд.

Бо назардошти нишондҳои илмӣ аломатҳо ва хусусиятҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба идоракунии меҳнат дар мазмуни меъёрҳои қонунгузории меҳнат ошкор карда шуда, исбот мегардад, ки муносибатҳои меҳнатии идоракунии меҳнат ба муносибатҳои вобастаи меҳнатӣ мансуб

буда, онҳо метавонанд қабл аз муносибатҳои меҳнатӣ ва ҳамчунин дар раванди муносибаҳои меҳнатӣ арзи вуҷуд намоянд. Бо такя ба назарҳои илмӣ ва амалияи мавҷуда муаллиф ба хулосае меояд, ки муносибатҳои ҳуқуқии зикршуда, муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар раванди идоракунии меҳнат аз ҷониби субъектҳои идоракунии меҳнат ва дигар сохторҳои ваколатдори ташкили идоракунии меҳнат, ба вуҷуд меоянд.

Боби дуюми диссертатсия ба таҳқиқи "**Заминаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**" бахшида шуда, танзими ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллии идоракунии меҳнат, танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ ва заминаҳои ташкилию иттилоотии он баррасӣ шудаанд.

Бо таҳқиқи нишондодҳои илмӣ ва стандартҳои байналмилалӣ хулоса карда мешавад, ки яке аз принсипҳои асосии танзими ҳуқуқии меҳнат ин ташкили идоракунии меҳнат дар сатҳи миллӣ ва сатҳи локалӣ маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, принципи мазкур бояд ба сифати мақсадҳои асосӣ ва вазифаҳои қонунгузории меҳнат муқаррар карда шавад. Дар ин бахши кор хусусиятҳои хоси танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат ошкор карда шудаанд. Маълум гардид, ки предмети танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба идоракунии меҳнат мебошанд. Заминаҳои танзими он бошад, аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва милии идоракунии меҳнат аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии меҳнат, ки онҳоро Тоҷикистон эътироф кардааст, қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи меҳнат, барномаву ҳуҷҷатҳои стратегӣ, санадҳои ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ, инчунин шарҳҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иборатанд.

Ҳамчунин хусусиятҳои танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ таҳқиқ шуда, муаллиф ба хулосае омадааст, ки идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ, ки масъулияти асосии корфармо маҳсуб мешавад, дар замина ва асоси меъёрҳои қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба меҳнат ба роҳ монда мешавад. Хусусият ва сохтори санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) дар идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилот мушаххас карда шуда, ин санадҳо вобаста ба хусусияташон ба санадҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, санадҳои маъмурӣ ва ҳуҷҷатҳои иттилоотӣ ҷудо карда шудаанд. Маълум мегардад, ки шартномаҳои коллективӣ воситаи муҳимми идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ маҳсуб шуда, накши пуррасозии холигиҳо ва бартарафсозии норасогиҳоро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба масъалаҳои идоракунии меҳнат иҷро мекунад. Бо шартномаҳои коллективӣ илова бар қонунгузорӣ меъёрҳои иловагии ҳуқуқи меҳнат муқаррар карда

мешаванд, ки дар ҳудуди як ташкилоти мушаххас ва ба доираи муайяни шахсон татбиқ мегарданд.

Дар боби сеюм **"Низоми субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"** низом ва таркиби субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо дар идоракунии меҳнат таҳқиқ шуда, муайян карда шудааст, ки низоми субъектҳои идоракунии давлатии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маҷмуи мақомоти давлатии дорои ваколатҳо ва салоҳиятҳо дар сатҳҳои гуногун иборат мебошад. Муаллиф, ваколатҳои мақомоти идоракунии меҳнат вобаста ба муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба идоракунии меҳнатро дар сатҳҳои он ба аз ду гуруҳи асосӣ иборатанд: ваколатҳои дорои хусусияти ташкилӣ ва ваколатҳои дорои хусусияти назоратӣ-таъсиррасонӣ ҷудо намудааст. Ошкор карда шудааст, ки дар КМ ҶТ ваколатҳои мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар идоракунии меҳнат тақсимбандӣ нагардидааст, ки ба назари муаллиф мушаххас намудани ваколатҳои ин мақомот дар КМ ҶТ ба мақсад мувофиқ аст. Ҳамчунин мақом ва ваколатҳои мақомоти шарикии иҷтимоӣ дар идоракунии меҳнат - комиссияҳо ва кумитаҳое, ки онҳо аз ҷониби шарикони иҷтимоӣ ташкил карда мешаванд таҳқиқ шудаанд.

Ҳангоми таҳқиқи нақши корфармо дар идоракунии меҳнат моҳияти ҳуқуқу уҳдадориҳои корфармоён ва намояндагони онҳо дар идоракунии меҳнат, асосҳои қабули қарорҳо ва доираи амали онҳо доир ба идоракунии меҳнат мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шудаанд. Зимни таҳқиқи масъалаи мазкур муайян мешавад, ки корфармо ҳамчун субъекти асосии идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ, тибқи қонунгузории меҳнат ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии дохилӣ аз як қатор ваколату салоҳиятҳо бархурдор аст. Корфармо ҳамчун субъекти идоракунии меҳнат дар идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилот нақши асосӣ дошта, аз доираи васеъи ҳуқуқу ваколатҳои идоракунӣ бархурдор аст. Ба назари муаллиф, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корфармо дар идоракунии меҳнат дар қиёс ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯ тибқи шартномаи меҳнатӣ фарқ дорад, зеро ба вуҷуд омадан, амал намудан ва қатъи ин ҳуқуқу уҳдадориҳои корфармо дар идоракунии меҳнат бештар дар заминаи мавҷудияти якчанд далелҳои ҳуқуқӣ сурат мегирад. Проблемаҳои танзими ҳуқуқии иштироки кормандон, иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони онҳо дар идоракунии меҳнат, ҳуқуқу имкониятҳои онҳо дар ин самт, таҳқиқ шуда, дар заминаи он ошкор шудааст, ки Кодекси меҳнати меъёрҳои мушаххасро дар бораи тартиб ва шароити иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот, аз ҷумла ҳолатҳои

ширкат намудан дар муҳокима ва қабули қарорҳо вобаста ба масъалаҳои меҳнат, пешбинӣ накардааст. Ба андешаи муаллиф қонунгузор мебоист принсипҳо ва механизми татбиқи ин ҳуқуқро, аз ҷумла тавассути низоми шарикии иҷтимоӣ мушаххас мекард. Ин холигӣ ва аз танзими ҳуқуқӣ берун мондани он боиси дар амалия ба таври зарурӣ татбиқ нагардидани ин ҳуқуқи кормандон гардида истодааст. Ҳамингуна дар матни Кодекси меҳнати ҶТ истифодаи истилоҳи гуногун ба мисли “ризояти намояндагони кормандон” ва “машварат бо намояндагони кормандон” муайян шудааст, ки ба назари муаллиф ин истилоҳҳо дар асл оқибатҳои ҳуқуқии яксон доранд, вале дар амалия ба роҳ ёфтани духурагӣ дар таъмини ҳуқуқҳои кормандон барои иштирок дар идоракунии меҳнат боис гардида, дар маҷмуъ сатҳи қобилияти ҳуқуқии коллективи кормандро ҳамчун субъекти идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ коҳиш медиҳад. Бинобар ин, пешниҳод гардидааст то ба Кодекси меҳнати ҶТ тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуда, истилоҳи ягонаи «бо машварат ва ризояти намояндагони кормандон» истифода карда шавад

Дар хулосаи диссертатсия мухтавои натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида, дар тавсияҳои амалӣ як қатор пешниҳодҳои мушаххас барои такмили қонунгузорӣ оид ба меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур шудаанд. Ҳамчунин ба диссертатсия лоиҳаи Консепсияи рушди идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат (солҳои 2026 -2036) пешниҳод шудааст, ки аҳамияти баланди назариви ва амалӣ дорад.

**10. Мутобиқат ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Сохтори илмӣ, пайдарпаии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия, инчунин мавзуъҳои баррасишуда дуруст ташкил ва мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудаанд. Ҳамаи саҳифаҳои диссертатсия рақамгузорӣ шудаанд, матн дар қисми поёнии саҳифа бо баробаркунӣ аз марказ ҷойгир карда шудааст.

**11. Мутобиқати автореферат ба мазмуни асосии диссертатсия**. Таҳлили автореферати диссертатсияи илмии Тоҷиддини Баҳриддин нишон медиҳад, ки он пурра ба мазмуни диссертатсия мувофиқат мекунад. Мазмуни автореферат ва мухтасарҳои он, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр шудаанд, комилан ба мазмуни диссертатсия мувофиқ буда, моҳияти корро пурра инъикос менамоянд. Автореферати диссертатсия дар бораи муаллифи он ҳамчун мутахассиси омодашуда, соҳибихтисос ва босалоҳият дар ҳалли масъалаҳои илмӣ тасаввурот медиҳад.

**12. Мутобиқати сатҳи илмии довталаб.** Сатҳи илмии довталаб ба талаботи дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад.

**13. Эродҳо ва масъалаҳои баҳснок.** Бояд қайд намуд, ки сарфи назар аз дастовардҳои илмӣ ва таснифоти нисбатан дақиқ, диссертатсия инчунин баъзе камбудиҳо ва масъалаҳои баҳснокро дар бар мегирад, ки унвонҷӯ метавонад дар ҷараёни ҳимоя онҳоро шарҳ диҳад, аз ҷумла:

1) Дар зербоби 1.2.-и диссертатсия муаллиф дар баррасии ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии пайдоиш ва рушди ниҳодҳои идоракунии меҳнат бо фарогирии васеи маводи таърихӣ ва истифодаи сарчашмаҳои гуногун масъаларо таҳқиқ намудааст. Вале, мавҷуд набудани пайдарҳамии таҳлили ҳуқуқӣ дар он ба назар мерасад. Аз ҷумла, дар саҳифаҳои 34-35, муаллиф бештар ба тавсифи умумӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва динӣ (таълимоти марксистӣ, «Авесто», арзишҳои ахлоқӣ) рӯ оварда, робитаи мустақими ин андешаҳоро бо ташаккули маҳз ниҳодҳои ҳуқуқии идоракунии меҳнат асоснок менамояд. Ба назари мо, дар ин қисмати кор ба таҳаввули шаклҳои ташкили ҳокимияти танзимкунандаи меҳнат ва ташаккули унсурҳои меъёрии ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардид, он пайванди мустақими таҳлилро бо мавзӯи диссертатсия комил мегардонд.

2) Дар зербоби 2.3 муаллиф заминаҳои ташкилӣ ва иттилоотии идоракунии меҳнатро дар заминаи таҳлили санадҳои соҳавӣ, низомҳои иттилоотӣ ва равандҳои рақамикунонӣ ба таври муфассал баррасӣ намудааст. Бо вуҷуди ин, дар таҳлили пешниҳодшуда баъзе норасоии муҳими илмӣ-методологӣ ба назар мерасад. Аз ҷумла, муаллиф мебоист робитаи системавии заминаҳои ташкилӣ ва иттилоотиро бо механизми умумии танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат зиёдтар асоснок менамуд. Ҳамчунин, дар он унсурҳои зикршуда (стандартҳо, таснифот, платформаҳои рақамӣ ва лоиҳаҳо) ҳамчун маҷмӯи алоҳидаи воситаҳо оварда шудаанд, ки ин аҳамияти муҳими таҳқиқоти дорад. Аммо, агар ҷойгоҳ ва накши онҳо ҳамчун унсури таркибии механизми ҳуқуқии танзим, аз ҷумла дар робита бо меъёрҳои қонунгузории меҳнат, салоҳияти мақомоти давлатӣ ва амалӣ гардидани ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳо, таҳлил мегардид, заминаҳои таҳқиқотро дар ин бахш бештар тақвият медод.

3) Дар кор мисолҳо ва маълумоти воқеӣ аз фаъолияти мақомоти давлатӣ ё судҳо дар мавриди татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ дар идоракунии меҳнат хеле кам истифода шудаанд, ки истифодаи бештари он арзиши амалии таҳқиқотро боз ҳам тақвият мебахшид.

4) Ҳамчунин, хуб мешуд агар дар зербоби 2.2 диссертатсия таҳлили санадҳои дохилии ташкилотҳо ва таҷрибаи воқеии онҳо бештар анҷом дода мешуд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, бояд таъкид намуд, ки камбудиҳои зикршуда хусусияти куллӣ надошта, арзиши умумии илмии диссертатсияро

коҳиш намедиҳанд, вале нишон медиҳанд, ки мавзуи таҳқиқот мураккаб ва паҳлуҳои зиёд дорад. Унаонҷӯ метавонад дар ҷараёни ҳимоя андешаҳои худро дар робита ба нуктаҳои зикршуда асоснок намояд.

**14. Хулосаи умумӣ**

Ҳамин тавр, диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти анҷомёфта буда, натиҷаҳои нави илмиро дар бар мегирад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.5 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ мебошад.

Тақриз дар асоси бандҳои 76–79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30 июни соли 2021) таҳия шудааст.

Тақриз аз ҷониби Мирзозода Шаҳриёр - номзади илмҳои ҳуқуқ, муаллими кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, таҳия шудааст.

Дар ҷаласаи семинари илмӣ баррасӣ ва тасдиқ шудааст (протокол № 8 аз «28» марти 2026 с.)

Иштирок доштанд: 13 нафар «тарафдор» – 13 , «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи ҳуқуқи
ДДОТ ба номи С.Айнӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Давлатзода Ф. Ш.

**Эксперт**:
Муаллими калони кафедраи
кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи
давлатии омузгории Тоҷикистон
ба номи С.Айнӣ, номзади илмҳои ҳуқуқ — Мирзозода Ш. М.

**Котиби ҷаласа:** — Рисолати Раҷабалӣ

Имзоҳои Ф.Ш. Давлатзода, Ш. М. Мирзозода ва
Рисолати Раҷабалиро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ-и ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ — Қодирзода С.

«28» 04 2026 с.